**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_______________ Асрорзода У.С.
“___” _______________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мутобиқат мекунад: 1. Коркарди проблемаҳои илми идоракунӣ ва методҳои маърифати он. Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои мавзуӣ ва байнифаннии идоракунӣ. 19. Кадрҳои идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва густариши кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии сатҳи касбӣ-вазифавӣ ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Методҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олӣ. 20. Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун намуди вижаи фаъолияти касбӣ: мақсад, усул (принсипҳо), таҳаввулоти равишҳо. Моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилот. Салоҳиятнокии ҳайати шахсӣ ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва идоракунии ҳайати шахсӣ. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайати шахсӣ.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ**.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ сармояи инсонӣ, рушду ташаккул додани он ва умуман самаранок идора кардани он таваҷҷуҳи ҷомеаи башариро ба худ ҷалб намудааст. Дар баробари дигар сармояҳо, сармояи инсонӣ низ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисоди ҷаҳонӣ ба таври назаррас такмилталаб буда, ташаккули доимии худро мехоҳад.

Манфиатнок будани сармояи инсонӣ аз нуктаи назари илмӣ-иқтисодӣ дар навовариҳо, ихтироъкориҳо, эҷодкориҳою кашфиётҳои бузурги илмӣ ва ба даст овардани фоида дониста мешавад. Бинобар ин ба ташаккулу

пешрафти он ба сифати фишанги асосии таъсиррасон идоракуниҳои илман асоснокшуда таъсир расонида метавонад. Солҳои охир вобаста ба дуруст идора намудани ин сармояи муҳими ҷамъиятӣ як қатор кишварҳо ба муосиртарин дастовардҳои илмӣ сазовор гардида, манфиатҳои бештареро, натанҳо дар сатҳи давлат ва ё минтақаи муайян, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ азхуд намуда истодаанд. Маҳз аз ҳамин ҳисоб афзоиши назарраси иқтисоди миллиашонро таъмин намуда, самтҳои муосиртарин рушду инкишофдиҳандаи онро, ба таври доимӣ, ривоҷ дода истодаанд.

Дар ҷаҳони муосир такмили доимии сармояи инсонӣ ва рушду равнақ бахшидан ба унсурҳои асосии он вазифаи асосоии ҳар як давлат ба ҳисоб рафта, таваҷҷуҳи ҳамаҷонибаи онҳоро талаб менамояд. Вобаста аз шароити баамаломада, оид ба тушаккул, рушд ва такмили сармояи инсонӣ тадбирҳои ҳамаҷониба андешида шуда, онҳоро мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат омода намудан лозим меояд. Ин аз он гувоҳи медиҳад, ки мутахассисони омодашаванда, бояд дорои донишҳои муосири касбӣ буда, рақобатпазирии худро дар бозор дошта бошанд.

Тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, сармояи инсонӣ дар ҳама иқтисодиёти давлатҳо омили асосии истеҳсолот, рушдиҳандаи иқтисодиёт ва ба рақобат тобоварандаи ширкату корхонаҳо дониста мешавад. Аз ин нуқтаи назар давлат бояд ба аҳолӣ тавассути нигоҳ доштани сатҳи ҳадди ақали зиндагӣ, баланд бардоштани сифати зиндагӣ, инчунин ҳавасманд кардани одамон барои истифодаи бештари донишҳову кашфиётҳо кумак расонад.

Аҳаммияти сармояи инсонӣ шуруъ аз сатҳи оила, ҷомеа ва давлат хеле назаррас буда, масъалаи ташаккули маълумотнокии одамон ҳамчун омили асосии истеҳсолот ва рушди иқтисодиёти онҳо дониста мешавад. Таҳаввулоти сармояи инсонӣ ва самаранок истифодабарии он яке аз мақсадҳои асосии давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ дониста шуда истодааст. Вазъияти иқтисодиёти муосири инноватсионӣ собит намуда истодааст, ки самаранокии сармоягузорҳо ба сармояи инсонӣ дар ҳолате мусбӣ арзёбӣ мегардад, ки ба мақсади гузошташуда ноил гаштанро нишон диҳад. Аз ҷониби дигар, бештари техника ва технологияи инноватсионии инқилоби чорум талаботи дигари таъсиррасониву зинаи болотарро дошта, мумкин аст, ки нобаробарии имконоти истифодабарӣ ва натиҷагирии иқтисодиву иҷтимоиро ба бор оварда, бекориву камбизоатии мардумро муайян намояд, инчунин дар ҳолатҳои дигар ба муҳити табиӣ ва такрористеҳсоли сарватҳои табиӣ низ таъсири манфӣ расонанд.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд намудан бо маврид аст, ки мавзуи диссертатсияи Искандарзода Ҳ.Ҳ., яке аз мавзуҳои мубрам ба ҳисоб рафта, дар такмили идоракунии сармояи инсонӣ вобаста ба шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир саҳми назарасе дошта бошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқот аз омӯзиши рушди асосҳои назариявӣ-методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ифода

меёбад. Ба натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд, фарогири нуктаҳои зерин мебошанд:

1. Дар диссертатсия ғояҳои илми иқтисодӣ ва сарчашмаҳои асосии равишҳои консептуалӣ-назариявии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки ҷомеаи муосир ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёт ҳаракат мекунад ва қувваи пешбарандаи онро сармояи инсонӣ (бунёди донишҳои нави иқтисодӣ, самаранок истифодабарию идоракунии онҳо) ташкил менамояд. Инчунин, дар диссертатсия назарияҳои муҳаққиқон ва коршиносони соҳа ба инобат гирифта шуда, фаҳмиши муаллифии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он пешниҳод карда шудааст. Мувофиқ ба дарку фаҳмиши муаллифи диссертатсия, сармояи инсонӣ маҷмуи қобилиятҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, иқтидорҳо, сармояҳо, саломатӣ, ҳаракатҳо, ҳавасмандиҳо, кӯшишҳо ваояндабиниҳо ба фаъолият дониста мешавад, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт сармояи асосии инсони комил ба ҳисоб меравад. Ин сармояи бузургояндаи шахс, оила ва ҷамъиятро нишон медиҳад. Унсурҳои асосии сармояи инсонӣ: иқтидори инсонӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, сатҳи саломатӣ, қувваи ҷисмонӣ, қобилиятҳои модарзодӣ, донишҳои касбӣ-тахассусӣ, иқтидори соҳибкорӣ, сатҳи ҳавасмандӣ, моликияти зеҳнӣ, сармояи оилавӣ, таҷрибаи истеҳсолӣ ва маҳорати ташкилӣ дониста мешаванд.

2. Воситаҳо, усулҳо, ниҳодҳо, сарчашмаҳо ва доираҳои рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ вобаста ба инобатгирии талаботҳои иҷтимоию инноватсионии иқтисодиёти муосир муайян карда шудаанд. Ҳангоми таҳқиқ ошкор гардидааст, ки ташаккулёбии сармояи инсониро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ниҳодҳои асосии он таъмин намуда, талаботҳои инноватсионии иқтисодиёти муосир онро раҳандозӣ менамояд. Иқтисодиёти муосир ба донишҳои мутахассисони тахассусманд, эҷодкор ва кашфиётҳои онҳо такя менамояд. Аз ин нуқтаи назар, собит карда шудааст, ки фикрронӣ, навоварӣ, ҷоринамоӣ, назоратнамоӣ ва фоидагирӣ марҳалаҳои асосии ин иқтисодиёт дониста мешаванд.

3. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ таҳқиқ гардида, истифодабарии усулҳои арзёбии сифатии он муайян карда шудаанд. Асоснок гардидааст, ки маҷмуи донишҳои муосир, қобилият, малака ва таҷрибаи андӯхташуда, на танҳо омили бавуҷудоваранда, балки идоракунанда ва истифодабарандаи самараноки онҳо дониста мешавад. Маълумотнокӣ ҳамчун ҷузъи сармояи инсонӣ дониста шуда, хусусиятҳои хоси он пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, қайд гардидааст, ки аз худ намудани донишҳои муосир боиси боз ҳам саҳеҳтар гардидани нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт мегардад.

4. Дар раванди таҳқиқ таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир баррасӣ гардида, муайян карда шуд, ки маълумотнокии инсон, бахусус маълумоти олии касбӣ, ки бештар ба раванди истеҳсолот наздикӣ дорад, дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши муассир дорад. Рушду тавсеаи иқтисодиётро сармояи инсонии ташаккулёфта таъмин намуда, боиси самаранок истифодабарии захираҳои

маҳдуди иқтисодӣ ва истеҳсоли молу маҳсулоти босифат мегардад. Ҳамзамон, дар диссертатсия равиши муосиртарини омоданамоии мутахассисонро вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва ҳамбастагии он бо талаботҳои истеъмолии аҳолӣ пешниҳод гардидааст.

5. Омӯзиши тамоюли рушди иқтидори кадрӣ ва таҳлили омилҳою унсурҳои самаранок истифодабарии он дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат пешниҳод карда шудаанд. Ҳамин тариқ, муайян карда шуд, ки робитаи мустақим байни низоми маориф, илм ва раванди истеҳсолот дар як низоми муайяни инноватсионӣ ба роҳ монда шуда, омоданамоии мутахассисони дорои дониши муосирро талаб менамояд. Барои ин пешниҳод карда мешавад, ки омоданамоии мутахассисон дар ин шароит мувофиқ ба талаботи замон ба роҳ монда шавад.

6. Дар диссертатсия омӯзишу аз худ намудани таҷрибаи хориҷӣ оид ба рушду такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти муосир муҳим арзёбӣ гардидааст. Истифодаи таҷриба, таҳлил, таҳқиқ ва баррасии он яке аз меъёрҳои иҷрои корҳои таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи пешқадам яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафи гузошташуда маҳсуб меёбад. Таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ нисбат ба дигар сармоягузориҳо манфиати бештар ба бор меорад. Дар иртибот ба ин, яке аз роҳҳои расидан ба рушди комили иқтисодӣ дар доштани мутахассисони халлоқ ва эҷодкор дониста мешавад. Вобаста ба ин пешниҳод карда мешавад, ки таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон аз худ карда шуда, истифодаи яке аз ин таҷрибаҳо оид ба рушди сармояи инсонӣ ба манфиати ҷомеа хоҳад буд.

7. Риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон таҳқиқ карда шуда, зимнан муайян карда шуд, ки вобаста ба рушди босуръати техникаю технологияҳо ва тағйир ёфтани талаботҳои истеъмолии аҳолӣ зиёда аз 50 фисади касбҳо нуфузу эътибори худро аз даст дода, шакли навро гирифтаанд ва ё умуман аз байн рафтаанд. Тибқи пешгӯиҳо, дар баробари гузаштан ба силсилаи нави технологӣ риштаҳои амалкунанда то соли 2050-ум пурра шакли муосирро мегиранд. Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки ин таҳдидҳо ба инобат гирифта шуда, рушду такомули сармояи инсонӣ мувофиқ ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва дурнамои рушди иқтисодиёт таъмин карда шаванд.

8. Вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва зиндагонии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, муайян карда шуд, ки дониш ба унвони неруи асосии сармояи инсонӣ ва тавлидкунандаи идеяҳои инноватсионӣ арзёбӣ мегардад. Идеяҳои инноватсионӣ боиси рушду тавсеаи иқтисодиёти муосир гардида, барои ба даст овардани даромад, таъмин шудан бо ҷойи кор ва беҳтар гардидани сатҳи зисту зиндагонӣ мусоидат мекунад. Пешниҳод карда мешавад, ки раванди мазкур дуруст таҳлилу арзёбӣ карда шуда, ба навоварӣ, эҷодкорӣ, ихтироот ва аз ҳама муҳим ба масъалаи роҳандозии истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

9. Дар диссертатсия самтҳои муосири рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ вобаста ба дигаргуншавии муносибатҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт асоснок гардида, муайян карда шуд, ки рушди устувори иқтисодиёт бо рушди сармояи инсонӣ, таъмини шуғли самаранок ва ташаккули рақобатпазирии истеҳсолот алоқамандии зич дорад. Самтҳои асосии рушд ва инкишофдиҳандаи сармояи инсонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар дуруст ба роҳ мондани низоми муосири таълимӣ, муҷаҳҳазгардонии муҳити таълимӣ ҳамчун асоси таҳсилоти босифат, азхудкунии муосиртарин донишҳо, ҳамбастагии ҷараёни таълим бо раванди истеҳсолот ва дигар фаъолиятҳо дониста мешавад. Вобаста ба ин, аз ҷониби муаллиф амсилаи кластери таълимӣ оид ба рушди сармояи инсонӣ пешниҳод гардидааст, ки он дарбаргирандаи рушди сармояи инсонӣ + таъмини шуғли самаранок + ташаккули рақобатпазирии истеҳсолотро фаро мегирад.

10. Хусусиятҳои хоси идоракунии стратегии кормандон дар асоси тағйирёбии моҳияти сармояи инсонӣ ва низомҳои муосири таълимӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, муайян карда шуд, ки идоракунии стратегии кормандон дар менеҷменти муосир вобаста ба шароитҳо ва тағйироту дигаргуниҳое, ки ҷараёни истеҳсолиро фаро гирифтаанд, мазмун ва мундариҷаи худро дигар карда, фаъолият намудан бо техникаю технологияи муосирро ҳамчун равиши навини омодасозии кадрҳои асри XXI талаб менамояд. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия таъминамоии кадрҳоро яке аз самтҳои асосии рушди менеҷменти муосир дониста, пешниҳод менамояд, ки механизми мотиватсионии таъминамоии кадрҳо яке аз муосиртарин роҳҳои таъмини корхона бо беҳтарин кормандон дониста мешавад. Вобаста ба хусусиятҳои хоси менеҷмент ва рушдёбии техникаю технологияҳои истеҳсолӣ, низоми таълимӣ бояд дар асоси муосиртарин амсилаҳои таълимӣ ба роҳ монда шавад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди муаммоҳои илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуи илмӣ, омӯзиш, ҷамъоварӣ, асосноккунии илмӣ ва мубрамияти он, муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯйи вазифаҳои таҳқиқот, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ, илмию амалӣ оид ба такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир зоҳир мегардад.

Дар ин замина, дар асоси ҷамбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ самтҳои инкишофёбандаи идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир муайян карда шудааст, ки таъсири худро дар самаранок идоракунии ин сармояи муҳими ҷамъиятӣ мегузорад.

Инчунин, иштироки шахсии муаллиф дар таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда, дар донишкадаю донишгоҳҳои олии касбӣ, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи диссеертатсия, маърӯзаҳои илмӣ дар коференсияҳои илмию назаривӣ ва илмию амалӣ ба назар мерасад, ки саҳми илмии ӯро ифода менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулосаю пешниҳодот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни асосии таҳқиқот дар 355 саҳифаи компютерӣ оварда шуда, фарогири 33 ҷадвал, 11 расм ва 12 диаграмма мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 318 номгӯй иборат аст.

Дар муққадима муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дараҷаи коркарди он асоснок карда шуда, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, фарзияи таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, дар бораи татбиқи натиҷаҳои кор маълумот дода шудааст.

Боби аввал «Асосҳои назариявӣ-консептуалии идоракунии сармояи инсонӣ» (саҳ.24-74) номгузорӣ шуда, он дарбаргирандаи назарияи сармояи инсонӣ ва муҳтавою мундариҷаи он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт, нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёти муосир, рушди идоракунии сармояи инсонӣ ва иқтисоди донишҳо дар менеҷменти касбии асри XXI мебошад.

Унвонҷӯ дар зерқисмати аввали боб, назарияи сармояи инсонӣ ва муҳтавою мундариҷаи онро вобаста ба шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки сармояи инсонӣ – ин маҷмуи қобилиятҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, иқтидорҳо, сармояҳо, саломатӣ, ҳаракатҳо, ҳавасмандиҳо, кушишҳо ва ояндабиниҳо ба фаъолият мебошад, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт, мояи асосии инсони комил дониста мешавад. Ин сармояи бузург ояндаи шахс, оила ва ҷамъиятро нишон медиҳад (ҷадвали 1 саҳ.30). Дар идома, унсурҳои асосии сармояи инсонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, онҳо дар як низоми муайян ба тартиб дароварда шудааст (расми1 саҳ.34). Муаллиф қайд менамояд, ки унсурҳои асосии сармояи инсонӣ инҳо дониста мешванд: иқтидори инсонӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, сатҳи саломатӣ, дарки фарҳангӣ, қувваи ҷисмонӣ, маҳорати ташкилӣ, қобилиятҳои модарзодии инсон, таҷрибаи истеҳсолӣ, сатҳи ҳавасмандии инсон, сармояи зеҳнии инсон, сармояи оилавӣ ва сармояи соҳибкорӣ. Дар интиҳои ин зерқисмат, муаллиф, ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсониро вобаста ба талаботҳои инноватсионӣ (расми 2 саҳ.38) шарҳу тавзеҳ дода, рушднамоии онро вобаста ба воситаҳо ва усулҳои инкишофдиҳӣ, ниҳодҳои ташаккулдиҳандаю инкишофдиҳанда, сарчашмаҳои асосии маблағгузорӣ, раванди ташкилию таъминии иқтидори кадрӣ, талаботҳои иҷтимоии сармояи инсонӣ ва талаботҳои инноватсионии иқтисодиёти муосир дар шакли расм пешниҳод намудааст.

Унвонҷӯ, дар зерқисмати дуюми ин боб, нақш ва аҳаммияти сармояи инсониро дар рушди идоракунии иқтисодиёти муосир мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки «сармояи инсонӣ» ҳамчун захираи муҳим ва пешбарандаи иқтисодиёти инноватсионии муосир буда, ҳама гуна бурдбориҳо, рақобатпазириҳо ва навовариҳои молиявӣ, тиҷоратӣ, техникӣ ва

технологӣ бевосита ба натиҷаи рушди ақлонии инсон алоқаманд мебошад (саҳ.41). Инчунин, дар ин зерқисмат ташаккулёбии унсурҳои асосии сармояи инсонӣ, ки нақши бевоситаро дар баланд бардоштану самаранок идора кардани иқтисодиёт иҷро менамоянд, оварда шуда, мухимияти онҳо шарҳ дода шудааст. Дар идома сармояи зеҳнии инсонӣ: ташаккулёбӣ ва инкишофӣ он дар идоракунии иқтисодиёти муосир (расми 3 саҳ.58) оварда шудааст, ки зерқисматҳои зеринро дар бар мегирад: унсурҳои асосии сармояи инсонӣ, унсурҳои асосии сармояи ташкилӣ, унсурҳои асосии сармояи истеъмолӣ.

Дар зерқисмати сеюми боб, рушди идоракунии сармояи инсонӣ ва иқтисоди донишҳо дар менеҷменти касбии асри XXI мавриди баррасӣ қарор гирифта, қайд гардидааст, ки шароити имрӯзаи иқтисодиёт тақозои онро дорад, ки масоили имрӯзаи рушди сармояи инсониро дар менеҷменти муосир шакли нави рушди иқтисодӣ «иқтисоди донишҳо» ба миён овардааст. Ин шакли иқтисод рушди ҷомеаи нави инсониро дар ҷаҳон ташаккул дода истодааст, ки аз нигоҳи баъзе муҳаққиқон онро ҷомеаи шаҳрвандии иттилоотӣ, ҷомеаи донишҳо ва ё ҷомеаи шаҳрвандии касбӣ ном мебаранд (саҳ.59). Ҳамзамон дар идома, асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва инкишофи рақобатпазирии кормандон (расми 4 саҳ.70), ки дарбаргирандаи ниҳодҳо, меъёрҳою қонунҳо, домҳои институтсионалӣ ва тағйирёбиҳои институтсионалӣ, ки дар маҷмуъ фазои институтсионалии ташаккулёбӣ ва инкишофи махсуси рақобатпазирии кормандонро ташкил менамояд, оварда шудааст.

Дар охири боби аввал хулоса оид ба назарияи омӯзиши сармояи инсонӣ бо ба низом даровардани сохтори он, баррасии унсурҳои асосӣ ва пуркунандаи он, нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушд ва ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионии муосир, роҳҳои замонавии ташмилдиҳии сармояи инсонӣ, рақобатпазирии кормандон мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат оварда шудааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки «Равишҳои методологӣ ва усулҳои арзёбии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт» (саҳ. 75-126) номгузорӣ шудааст, унвонҷӯ таҳқиқи методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ва равишҳои арзёбии онро дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт ба роҳ мондааст. Вобаста таҳқиқотҳои гузаронидашуда, методологияи идоракунии сармояи инсониро муаллиф ба се зерқисмати асосӣ, ки якдигарро пурра менамоянд ҷудо намудааст: мақсаднокии идоранамоӣ, мусоидат намудан ба рушди шахсии ҳар як корманд барои беҳтар кардани фаъолияти дастаҷамъӣ ва муттаҳид кардани мақсадҳои ҳар як корманди алоҳида бо ҳадафҳои ташкилот (саҳ.75-76). Дар идома муаллиф, баҳодиҳии саривақтии объективӣ, риояи меъёрҳо ва низоми арзёбии сармояи инсониро таҳқиқ намуда, нишондиҳандаҳои сармояи инсонӣ ва паҳлуҳои арзишию сифатии онро (расми 5 саҳ. 77), ба гуруҳҳо ҷудо намуда, дар ҷадвали 2.1 (саҳ. 78) онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст. Ҳамчунин, муаллиф, усулҳои муосиртарини арзёбии сармояи инсониро, ки олимон, муҳаққиқон ва пажуҳишгарони ниҳодҳои гуногун анҷомдодаро таҳқиқ намуда (саҳ.79-88), усули муалифии арзёбии сармояи инсониро

пешниҳод намудааст (саҳ. 89). Усули пешниҳодгардида, барои муайян кардани хароҷотҳо баҳри рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ мусоидат менамояд.

Дар зерқисмати дуюми боб, таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси такомулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир таҳқиқ гардида, қайд гардидааст, ки рушд ва инкишофи иқтисодиёти кишварро сармояи инсонии ташаккулёфта, донишу маълумотнокии мутахассисон ва аҳолии дорои маълумоти муайян таъмин менамоянд (саҳ. 92). Ҳамчунин, дар ин зерқисмат консепсияи класикии сармояи инсонӣ, давраҳоаю маҳакҳои арзёбии он (ҷадвали 2.2 саҳ.95), алоқамандии раванди таҳсилот, истеҳсолот, истеъмолот ва омилҳое, ки ба муносибати онҳо дар шароити иқтисодиёти муосир таъсиррасон (расми 6 саҳ.99), манфиатҳои таҳсилоти олӣ дар рушди ҷомеа (расми 7 саҳ.103) ва нишондиҳандаҳои саҳми таҳсилоти олӣ дар ташаккули манфиатҳо (ҷадвали 2.3 саҳ.104-105) таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Дар зерқисмати сеюми боб, хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи рушди иқтисоди рақамӣ оварда шуда, қайд гардидааст, ки дар солҳои охир, техникаю технологияҳои ҷаҳони имрӯза бештар тағйир ёфта, инсонҳоро водор ба он намуда истодааст, ки ҳар чӣ бештар ба сарфакорию сариштакории захираҳои имрӯзаи иқтисодӣ таваҷҷуҳ намоянд (саҳ.111). Дар идома, хусусиятҳои хос ва фарқкунандаи иқтисоди рақамӣ аз иқтисоди имрӯза (ҷадвали 2.4 саҳ.112) оварда шуда, аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтисодии гуруҳбандӣ карда шудааст. Ҳамчунин, ҷараёни омоданамоии кадрҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ (расми 8 саҳ. 121) баррасӣ гардида, мақсадҳо, принсипҳо, функсияҳо ва объекту субъекти фаъолияти меҳнатӣ вобаста ба дигаргуниҳо оварда шудааст.

Дар охири боби дуюм хулоса оид ба равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ, нақши мубрам доштани сармояи инсонӣ дар рақобатпазирии ширкату корхонаҳо, донишмандӣ ва доим такмил додани онро намудааст.

Боби сеюм, «Таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон оид ба самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ ва омоданамоии мутахассисон дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ» (саҳ. 127-175) номгузорӣ шуда, он дарбаргирандаи сармоягузорӣ ба маълумотгирӣ ҳамчун омили ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар низоми идоракунии иқтисоди ҷаҳонӣ, арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷ оид ба рушди маълумотгирии касбӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ва риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон мебошад.

Зерқисмати аввали боб, доир ба сармоягузорӣ ба маълумотгирӣ ҳамчун омили ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар низоми идоракунии иқтисоди ҷаҳонӣ буда, баррасии назарияҳо, консепсияҳо ва таҳқиқотҳои олимону сиёсатмадорони мувафақи соҳаро (саҳ.176-137) дар бар мегирад. Ҳамчунин, дар ин зерқисмат, сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои таҳсилоти олӣ аз рӯйи кишварҳо, вобаста аз камшавии маблағгузории давлатӣ ва зиёдшавии бахши хусусии ғайритаълимӣ (ҷадвали 3.1 саҳ.138), тағйирёбии сарчашмаи молиягузорӣ ба таҳсилоти олӣ дар байни давлатҳо аз рӯйи бахши буҷети

давлатӣ ва бахши хусусии ғайритаълимӣ (диаграммаи 3.1 саҳ. 139) ва моделҳои дастгирии молиявии таҳсилоти олӣ (саҳ. 141-142) оварда шуда, таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар зерқисмати дуюм, арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷ оид ба рушди маълумотгирии касбӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт таҳқиқ гардида, қайд гардидааст, ки сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти ҳама давлатҳо омили асосии истеҳсолот, рушдиҳандаи иқтисодиёт ва ба рақобат тобоварандаи ширкату корхонаҳо дониста мешавад. Инчунин, дар идома, шохиси ҷаҳонии рушди инсонии 25 кишвари аввал дар радабандӣ (ҷадвали 3.2 саҳ.145), шохиси сатҳи маълумотнокӣ дар 25 кишвари аввал аз рӯйи радабандӣ (ҷадвали 3.3 саҳ.146), шохиси давомнокии миёнаи умр дар 25 кишвари аввал аз рӯйи радабандӣ (ҷадвали 3.4 саҳ.147) ва рейтинги кишварҳою минтақаҳо аз рӯйи ММД ба ҳар сари аҳолӣ (ҷадвали 3.5 саҳ.149) оварда шуда, баррасӣ ва таҳқиқ карда шудааст. Таҷрибаи давлатҳои абарқудрати ҷаҳон, ба монандӣ: Чин, ИМА, Ҷопон, Олмон, Нидерландия, Швейтсария ва Кореяи Ҷанубӣ омӯхта шуда, манфиатнокии сармояи инсонӣ ва доим дар рушду ташаккул будани он асоси рушдёбии иқтисодиёт дониста шудааст.

Дар зерқисмати сеюм, риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон оварда шуда, қайд гардидааст, ки бо дарназардошти дигаргуншавии равандҳои иқтисодӣ дар бештари муассисаҳои таълимии олии кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон барои азхудкунии барномаҳои таълимӣ моделҳое, кор карда баромадаанд, ки бештар хислати таҷрибавӣ-амалиро доранд. Рушд ва инкишофёбии босуръати технологияҳои муосири рақамӣ, зеҳни сунъӣ, робототехника ва автоматикунонии ҷараёни истеҳсолот бештар омоданамоии мутахассисонеро талаб менамояд, ки истеъдоди волои касбиро дар худ доранд. Дар идома, қайд гардидааст, ки дар бештари донишгоҳҳои кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон касбҳои нави муосир, махсусан дар соҳаи IT, дар соҳаи иқтисод, дар соҳаи тиб ва дигар соҳаҳои техникиву технологии ба ҷамъият муфид мутахассис омода менамоянд (саҳ. 169-172).

Дар охири боб, ҳамаи ин гуфтаҳо, хулосабарорӣ карда шуда, қайд гардидааст, ки рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ мувофиқ ба талаботи талаботи бозори меҳнат, рушди иқтисодиётро таъмин менамояд.

Дар боби чорум, «Таҳлили вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.176-237) анҷом дода шудааст. Унвонҷӯ, қайд менамояд, ки ҳолати имрӯзаи иқтисодиёт исботи онро дорад, ки имрӯзҳо ширкату корхонаҳои бузурги саноатӣ пайваста кушиши дастрас намудани ақлҳои бузурги ҷаҳониро дошта, ҳамасола барои расидан ба ин мақсадҳо миллиард доллари амрикоиро сарф менамоянд (саҳ.177). Вобаста ба ин, Ҳукумати кишвар кушиши зиёд намудани шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишомӯзони онро дошта, талоши маълумотнок гардонидани аҳолии кишварро дорад, ки ба таври муфасал дар ҷадвали 4.1 (саҳ.181) оварда шудааст. Тағйирёбии шумораи донишҷӯён дар МТОК-и ҷумҳурӣ (ҷадвали 4.2 саҳ.182), тағйирёбии хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи

ҷумҳурӣ (ҷадвали 4.3 саҳ.186), шумораи донишҷӯёни дар асоси шартнома таҳсилкунанда (ҷадвали 4.4 саҳ.188), шумораи умумии донишҷӯёни бо таври шартномавӣ ва ройгон таҳсилкунанда дар МТОК-и кишвар, (ҷадвали 4.5 саҳ.189), хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм ва инноватсия, шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ ва кормандони онҳо (ҷадвали 4.6 саҳ.191) оварда шуда, таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар баробари ин таҳлилу баррасиҳо бо мақсади ошкор сохтани вобастагии мутақобилаи нишондиҳандаҳои таркибии рушди сармояи инсонӣ аз усулҳои таҳлили регрессия (ҷадвали 4.7 саҳ.192) ва (ҷадвали 4.8, саҳ.193) коррелятсия истифода намудааст. Барои таҳияи модели алоқамандии хароҷоти буҷети давлатӣ, ба илм ва инноватсия чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди: X1 – Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ, X2 – ММД бар сари аҳолӣ (сомонӣ), X3 – музди меҳнати миёнаи номиналӣ (сомонӣ) ва X4 – хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф (млн. сомонӣ) – ро истифода карда, коэффисисентҳои коррелятсияи ҷуфт муайян карда шудааст, ки тасдиқи манфиатнок будани сармоягузорӣ ба соҳаи илм менамояд.

Дар зерқисмати дуюми боби чорум, ҳолати бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, тағйирёбии аҳолии машғули кор аз рӯйи шаклҳои моликият (ҷадвалҳои 4.11, 4.12 саҳ. 200-202), тағйирёбии нишондиҳандаҳои захираҳои меҳнатӣ ва тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (ҷадвали 4.13 саҳ. 204), шумораи захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ ва дараҷаи бекорӣ дар бозори меҳнат (ҷадвали 4.14 саҳ. 206), талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат (ҷадвали 4.15 саҳ. 208), тақсимоти бекорони дар мақомоти шуғли аҳолӣ бақайдгирифташуда, аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ, дар сатҳи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва НТҶ (ҷадвали 4.16 саҳ. 210) ва тақсимоти шумораи кормандони дар шароити номусоиди меҳнатӣ ба фаъолияти меҳнатӣ машғулбуда (ҷадвали 4.17 саҳ. 215) таҳлил карда шудааст.

Дар зерқисмати сеюми боби чорум, сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии инкишофи сармояи инсонӣ баррасӣ гардида, муайян карда шудааст, ки дар дараҷаи хуб қарор доштани даромаднокии аҳолӣ боиси рушду инкишоф ёфтани сатҳи зинадагонии онҳо мегардад. Ҳамчунин, ин зерқисмати боб, дарбаргирандаи таҳлилу баррасии тағйирёбии ҷамъи даромади ҳар нафари аҳолӣ ба ҳисоби миёна (ҷадвали 4.18 саҳ. 219), истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ аз рӯйи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо (ҷадвали 4.19 саҳ. 221), тағйирёбии ҷамъи даромадҳо ва истифодаи онҳо ба ҳар сари аҳолӣ (диаграммаи 4.8 саҳ. 222), нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодӣ (ҷадвали 4.20 саҳ. 223), тағйирёбии даромади пулӣ ва хароҷотҳои пулию пасандозҳои аҳолӣ (диаграммаи 4.9 саҳ. 224), тағйирёбии ММД, содироти мол, сармоягузориҳою интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (ҷадвали 4.21 саҳ. 229) ва воридоти молу маҳсулот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи гурӯҳи молҳо (ҷадвали 4.22 саҳ. 232) мебошад.

Дар охири боб, муаллиф хулосабарори намуда қайд намудааст, ки маълумотгирии олии касбӣ ва такмили доимии он мувофиқ ба тағйирёбиҳои бамаломада, боиси беҳтар гардидани дараҷаи сатҳи зисти аҳолӣ гардида, некуаҳволӣ ва такрористеҳсолшавии солими онҳоро таъмин менамояд.

Дар боби панҷум, «Самтҳои инкишофёбандаи идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир» (саҳ. 238-291) таҳқиқ гардида, қайд гардидааст, ки рушди устувори иқтисодиёт бо сатҳи таҳаввулоти сармояи инсонӣ, иқтидори таълимӣ ва рушди демографӣ зич алоқаманд мебошад (саҳ.238). Ҳамчунин, мувофиқи силсилаи нави технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ, зарурати он ба амал омадааст, ки захираҳои маҳдуди иқтисодӣ боз ҳам самараноктар истифода бурда шаванд, ки ин бевосита аз дониши истифодабарандагон вобаста мебошад. Аз ин нуқтаи назар, муаллиф, самтҳои инкишофёбандаи идоракунии сармояи инсониро дар таҳсилоти бефосилаи касбӣ (расми 9 саҳ. 250) ва кластеркунонии раванди таълим (расми 10 саҳ. 255) дониста, ташаккулёбии доимии касбии онҳоро асоси рушди иқтисодиёти имрӯза медонад.

Дар зеркисмати дуюми боб, суръатнокии баланди навовариҳо ва зуд-зуд тағйирёбиҳои талаботҳои истеъмолии аҳолӣ ва корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ ба инобат гирифта шуда, такмили идоранамоии стратегии кормандон дар менеҷменти муосири касбӣ, пешкаш карда шудааст (саҳ. 258). Муаллиф, ҳолати муосирро хуб таҳқиқ намуда, механизмҳои мотиватсионии таъминамоии кадрҳоро дар ширкату корхонаҳо (расми 10 саҳ. 267) пешниҳод намудааст. Ин механизми пешниҳодгардида, дорои унсурҳои асосӣ ва муҳити мотиватсионӣ мебошад, ки моҳияти онро мутобиқшавӣ бо шароитҳои мавҷуда, қодир будан ба эҷодкорию навоварӣ, моил гардидан ба омӯзиш ва расидан ба дараҷаи баланди касбӣ ташкил менамояд.

Дар зеркисмати сеюми боб, дигаргунсозии раванди таълим ва беҳсозии сифати таҳсилот дар ташаккули сармояи инсонӣ оварда шуда, қайд гардидааст, ки ҷомеаи инсонӣ имрӯз ба сатҳи баланди ҷаҳонбинии илмӣ қарор гирифта, ҳар замон равандҳои тозаи илмӣ, эҷоду ихтироот ва ё тағйироти волову фаҳмишҳои навини касбӣ арзи зуҳур менамоянд, ки шароити беҳтареро нисбат ба пешин дар равишҳои рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии ҷаҳонӣ фароҳам меоваранд (саҳ. 274). Ҳамзамон муаллиф, қайд менамояд, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ моҳияти сармояи инсонӣ ба таври назаррас тағйир карда, тамоман мафҳуми муосирро ба худ гирфтааст (саҳ. 276). Дар идома, омӯзиши муосиртарин ва пурқувватарин моделҳои таҳсилоти олии касбӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ба роҳ монда шуда, беҳтаринҳо пешниҳод карда шудаанд, ба монандӣ: модели Амрикои шимолӣ (ИМА, Канада), модели Аврупоӣ (Британияи Кабир, Фаронса, Шветсария, Нидерландия, Олмон), модели Скандинавӣ (Дания, Шветсия) ва модели Осиёи ҷанубу шарқӣ (Ҷопон, Сингапур) (саҳ. 278).

Дар охири боб муаллиф, хулоса карда қайд менамояд, ки дар аксари муассисаҳои олии касбӣ, мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат ва

дигаргуншавии фаъолиятҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт равиши навсозии касбӣ аллакай истифода гардида истодааст ва ин бояд дучанд зиёд карда шавад.

Дар хулоса ва пешниҳодод, (саҳ. 292-300) натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифода аз усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда, дар умум аз рӯйи сохтор, мазмун, ва муаррифии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсия масъалаҳои такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт ба таври мантиқӣ таҳқиқ карда шудааст. Муаллиф таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии сармояи инсонӣ ва идоракунии самараноки онҳоро дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиётро анҷом дода, натиҷаҳои илмию амалии онҳоро пешниҳод намудааст.

Истифодаи пешниҳодҳо, тавсияҳо ва татбиқи амалии онҳо асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии ба даст овардашудаи диссертатсия мебошанд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои гирифташудаи диссертатсияро баҳо дода, бояд қайд намуд, ки дар равиши таҳқиқот микдори зиёди таҳқиқотҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, Паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот аз сарчашмаҳои омори байналмилалӣ, маълумоти оморӣ ва иттилоотии созмонҳои байналмилалӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи интернет истифода бурда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти илмии таҳқиқот.** Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоснокунии назариявӣ ва методологии такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт зоҳир мегардад. Пешниҳодот ва тавсияҳои дар диссертасия коркардашударо метавон ҳамчун воситаи мукаммал намудани низоми идоранамоии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он, бо мақсади боз ҳам такмил додани идоракунии сармояи инсониро дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир истифода бурдан мумкин аст. Ҳамзамон, натиҷаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар таҳияи барномаи стратегии рушди сармояи инсонӣ вобаста ба шароити муосири иқтисодиёт дар соҳаҳои иқтисодӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми асоснокунии равишҳои муосиртарини рушду такомули сармояи инсонӣ метавонанд истифода баранд. Дар баробари ин, тавсияҳои мушаххаси аҳаммияти амалидоштаи таҳқиқотро ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди сармояи инсонӣ дар сохторҳои дахлдори соҳа метавон истифода бурд. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, ки аҳаммияти амалӣ доранд, ба такмили шаклу усулҳо, истифодабарӣ ва рушди сармояи инсонӣ мусоидат намуда, барои баланд бардоштани самаранок идора намудани ин сармояи муҳими ҷамъиятӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт мусоидат менамоянд.

Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълим ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ, дастурҳо ва матни лексияҳо аз фанҳои «Идоракунии сармояи инсонӣ», «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», «Иқтисодиёти меҳнат», «Менеҷмент ва маркетинг», «Менеҷменти кадрӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Менеҷменти байналмилалӣ», «Назорати ҳайати кормандон», «Санъати роҳбарӣ» ва дигар фанҳо, ки донишҷӯён, магистрантҳо ва докторантони PhD аз рӯйи ихтисосҳои иқтисодӣ истифода мешаванд, ки бо санад аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқи худро ёфтааст. Натиҷаи асосии амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва дар амал татбиқ карда шудаанд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар самаранок идора кардани сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он мусоидат намуда, рушду ташаккулёбии иқтисодиёти кишварро вобаста ба шароити рушди инноватсионӣ ва дигаргуншавии он таъмин намояд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки такмили дурусти сармояи инсонӣ ва самаранок идора кардани он боиси беҳтар истифода бурдани онро нишон дода, рушди босуботи иқтисодиётро таъмин менамояд. Дар ҳолати рушд кардани иқтисодиёт, шароитҳо ва сатҳи зиндагонии аҳолӣ беҳтар гардида, дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ дар як дараҷаи хуб қарор мегирад. Ҳамзамон, натиҷаҳо барои ҳаллу фасли масъалаи шуғли пурмаҳсули захираҳои меҳнатӣ, ихтисосмандӣ ва таълимоти бефосилаи касбии онҳо мусоидат намуда, ҷои кори доимӣ ва зиндагонии шоистаро таъмин менамояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшаандаи илмӣ.**

Аз рӯйи маводи диссертатсия 96 кори илмӣ, аз он ҷумла: 2 монография ва 36 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Искандарзода Ҳ.Ҳ. мутахассиси варзида дар соҳаи иқтисоди меҳнат ва идоракунии захираҳои инсонӣ буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳими илмӣ дар ин самт мебошад ва таҳқиқоти диссертатсионии ӯ ба самти тахассуси унвонҷӯ мутобиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори иҷрошуда ба талаботҳои муқараршудаи шиносномаи тахассусии 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент), пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯи дараҷаи илмӣ ба талаботҳои муқараргардида ҷавобгӯ буда, дар ҳолати амалишавӣ натиҷаҳои мусбиро ба бор хоҳад овард.

**Эроду тавсияҳо ба диссертатсия.** Дар матни бобҳо ва зербобҳо ҳамаи мавзуъҳо ва масъалаҳое, ки ба такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир алоқамананд, номбар шудаанд. Дар баробари ин, ба ақидаи мо ба масъалаҳои дар зер овардашуда боз ҳам бештар диққат дода мешуд, мазмуни кор бойтар мегардид:

1.Дар зербоби 1.1 муаллиф назарияи сармояи инсонӣ ва муҳтавою мундариҷаи онро дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт шарҳу тавзеҳ додааст. Агар назарияҳои овардашуда, вобаста ба рушду инкишофёбии иқтисодиёт ҷойгир карда мешуданд, фикр мекунам, сифати диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид.

2. Дар расми 5 зербоби 2.1 нишондиҳандаҳои сармояи инсонӣ ва паҳлуҳои арзишию сифатии он оварда шудааст. Ба назари мо ин нишодиҳандаҳо бо тавсиф бештар шарҳу тавзеҳ дода мешуданд, ва алоқамандии онҳо баррасӣ мегардид, ба манфиати кор хоҳад буд.

3. Дар зерқисмати 2.3 хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи рушди иқтисоди рақамӣ оварда шудааст вале таваҷҷуҳи камтар ба дигаргуниҳои касбӣ дар бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ карда шудааст.

4. Дар зерқисмати 3.2 арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷ оид ба рушди маълумотгирии касбӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт оварда шуда, аз таҷрибаи давлатҳои ба мо наздик (ИДМ) истифода карда нашудааст. Ба назари мо истифодаи таҷрибаи ин давлатҳо метавонад дар рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ зудтар мусоидат намоянд.

5. Дар зерқисмати 4.1 вазъи маълумотгирии олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такомулёбии сармояи инсонӣ баррасӣ гардидааст вале оид ба азхудкунии касбу ихтисосҳои муосир маълумотҳои камтар оварда шудааст.

6. Дар зерқисмати 5.2 баҳри такмили идоранамоии стратегии кормандон дар менеҷменти муосири касбӣ механизмҳои мотиватсионии таъминамоии кадрҳо ҳамчун модел истифода карда шудааст, ки натиҷаҳои хуб хоҳад дод, вале агар сарчашмаи аниқи ҳавасмандгардонии онҳо ба пуррагӣ нишон дода мешуд.

Эроду камбудиҳои зикршуда сатҳи назариявӣ-методологӣ ва амалии диссертатсияи Ҳ.Ҳ. Искандарзодаро коҳиш намедиҳанд. Дар умум

диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти ба итмомрасида ҳисобида шуда, мустақилияти муаллиф дар омода намудани он эҳсос мешавад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Диссертатсияи Искандарзода Ҳофиз Ҳаким ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асоснокунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267) ҷавобгу мебошад.

Рисолаи илмии довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст мутобикат менамояд.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расондаи унвонҷу таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбахои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

**Хулосаи ҷамбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Искандарзода Ҳофиз Ҳаким дар мавзуи «Такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст, ба бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Искандарзода Ҳофиз Ҳаким сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти банди 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Шарофзода Фарҳод Раззоқ омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи № 10 аз 28.05.2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон н.и.и., дотсент Каримова Т.Ҳ.

**Эксперт:**
Профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон д.и.и., профессор Шарофзода Ф.Р.

**Котиби ҷаласа:**
Дотсенти кафедраи менҷмент ва маркетинг Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Мирзоева Е.Ш.

*Имзои Каримова Т.Ҳ., Шарофзода Ф.Р. ва Мирзоева Е.Ш.-ро тасдиқ менамоям:*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: info@iutet.tj.

**Телефон:** +992(37) 234-88-24.